«Тасдиқ мекунам»
Директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон д.и.и., профессор
____________Шариф Раҳимзода
«30» ____12____соли 2022

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи Маҳмадалӣ Бахтиёр Набӣ дар мавзӯи «Такмили танзими омили экологӣ дар таъмини рушди устувори иқтисодиёти минтақа: назария ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ.**

**1.Муҳимият ва зарурати баргузории таҳқиқот.** Дар оғози солҳои 70-уми асри XX масъалаи ҳифзи табиат, вобаста ба ин зарурати дигаргуншавии технологияи истеҳсолот ба миён омада буд. Дар ин давра бӯҳрон дар иқтисоди қариб тамоми кишварҳои ҷаҳон ба вуқӯъ омад, ки ба маҷмӯи сӯзишворию энергетикӣ махсусан таъсир расонид. Ин бӯҳрон, дар ниҳоят, ноумедӣ ба инсонро нисбати муносибати истеъмолкунанда ба муҳити зист ошкор намуда, имкони рушди интенсивии иқтисодии саноат бо истифодаи мунтазам афзояндаи захираҳои табиӣ аз даст рафта буд. Дар баробари ин, мавҷи навбатии пешрафти илмӣ ва техникӣ ба он оварда мерасонад, ки тамаддуни башар дорои имкониятҳои хуб барои гузариши иқтисоди ҷаҳонӣ бо назардошти талаботи қатъӣ ва баландсифати идоракунии муҳити зист мебошад. Маҳз дар ҳамин лаҳза фаҳмиши мундариҷаи табиат ва аҳамияти бузурги он барои инсоният пайдо шуд. Баромади алоҳидаи таблиғгарони тозагии табиат алайҳи ширкатҳое, ки дар миқёси калон ифлос мешаванд, бо мурури замон ба як ҳаракати умумиҷаҳонии иҷтимоӣ табдил ёфт, ки онро "иқтисодиёти сабз" меномиданд. Инсоният тадриҷан дарк намуд, ки ҳаёти муқаррарӣ пеш аз ҳама бо нигоҳдории хуби табиат, як навъ тасаллияти экологӣ алоқаманд мебошад.

Дар оғози асри XXI муҳимияти муаммо боз ҳам баланд мегардад, ки натанҳо бо ифлосшавии табиат, балки бо оқибатҳои ин ошкор гардид. Болоравии хатари офатҳои табиӣ, гармшавии иқлим ва паҳншавии бемориҳои сироятӣ натиҷаи ифлосшавии табиат ва иқлим мебошанд, ки аз ҷомеъаи ҷаҳонӣ андешидани чораҳо дар самти паст намудани ин оқибатҳои мусбӣ талаб менамояд. Вобаста ба ин ташаккули механизми мутобиқи ҳимояи ҳифзи муҳит ва табиат дар ҳар мамлакат ва минтақа аҳамияти калон

дорад ва ин муҳимияти мавзӯи интихобнамудаи докторантро муайян менамояд.

**2. Дараҷаи асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳо.**

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ асосноккунии назария, методология ва коркарди чорабиниҳои амалӣ оид ба самаранок ташаккули низоми экологӣ – иқтисодӣ дар минтақаҳои алоҳида ба шумор меравад.

Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар инкишофи назария, методологияи таҳқиқи омили экологӣ ва коркарди низоми тадбирҳои амалӣ оид ба ҳал ва танзими муаммоҳои экологӣ дар самти ноил гаштан ба рушди устувори минтақа зоҳир мегардад.

Ба андешаи мо муқаррароти навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ, муаммоҳои илмии аз тарафи муаллиф гузошташударо хеле саҳеҳ тавсия медиҳад, чунинанд:

- мундариҷаи консепсияи рушди устувор чун парадигмаи ҳалли муаммоҳои экологӣ дар сатҳои гуногуни (мега – ,макро-, мезо -, микросатҳ) дар асоси муносибати низомманд ғанӣ гардонида шудааст. Дар асоси он исбот гардидааст, ки таъмини устуворӣ дар дохили худи низом ва хосиятҳои он гузошта шудааст: қобилият ба худинкишоф, худтанзимкунӣ, муқобилаят ба омилҳои ноустуворкунанда, ҳамчунин мавҷудияти ҳамкории мутақобилаи ҳамаи зернизомҳоро таъмин мекунанд;

- шарҳи муаллифии принсипҳои таъмини рушди устувории иқтисодиёти минтақа дода шудааст. Тибқи он алоқамандии сатҳи баланди иҷтимоию иқтисоди минтақа бо низоми дар худ иҳотакунандаи он, яъне муҳити табиӣ асоснок карда шудааст, ки зарурияти ҳатмӣ ба инобат гирифтани принсипҳои зерин пешниҳод гардидааст: а) коркарди лоиҳаи рушди иқтисодӣ бояд ба низоми экологии таъмини ҳаёти аҳолӣ мувофиқат кунад; б) тақсими одилонаи захираҳо ва имкониятҳо на танҳо барои насли аҳолии муосир, балки барои наслҳои оянда, ҳамчунин барои ҳайвоноту наботот мутобиқат намояд; в) самаранокии сармоягузорӣ дар асоси андозаи ҳиссавӣ, беҳтар гардонидани сармояи табиии он арзёбӣ карда шавад;

- исбот шудааст, ки дар раванди густариши муносибатҳои иқтисодиёти бозорӣ, мақсади асосии субъектҳои хоҷагидорӣ ба даст овардани фоида мебошад, ки он дар бештар ҳолатҳо пайваста бо суйистисмори заҳираҳои табиӣ, вайрон ғаштани муҳити зист дар таъмини рушди иқтисодиёти минтақаҳо амалӣ мегардад, ки минбаъда таъсири манфӣ ба фаъолияти ҷамъият дорад, сатҳи ифлосшавии табиатро ба вуҷуд оварда, қонеъ гардондани талаботиояндаи аҳолиро зери хавф мегузорад. Нишон дода шудааст, ки характери комплексии тадбирҳо оид ба ҳалли муаммоҳои

экологӣ,бахри беҳтар намудани муҳити зист мусоидат намуда, ноил шудан ба ҳадафхои рушди устувори иқтисодиро бояд таъмин хоҳад кард.

- асоснок гардидааст, ки услуби арзёбии вазъи экологӣ дар илми муосири иқтисодӣ бисёрҷабҳа ва гуногун буда, интихоби он барои истифодабарӣ аз ҳадафҳои таъмини рушди устувори иқтисодӣ дар минтақаҳои алоҳида вобаста аст. Гурӯҳбандии нишондиҳандаҳои арзёбии вазъи экологӣ дар самтҳои зерин сурат гирифтааст: а) дастрасии технологияҳои инноватсионие, ки ба экология, равона карда шудааст дастрас мебошанд, ҳисоб карда шудааст; б) таҷдидшаванда, ки ҳамчун “коэффисиенти самаранок” ҳиссаи ҳароҷоти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии маҳаллӣ ба масъалаҳои экологӣ дар маҷмуаи маҳсулоти минтақа (МММ) барои ҳар як гурӯҳи ҳароҷот; г) сохторӣ, ки аз ҷихати нишондиҳандаҳои самаранокии субъектҳои иқтисодиро дар минтақа муайян менамояд;

- мудаллал гардидааст, ки дар минтақа партови обҳои ифлосшуда солҳои охир ба маротиб зиёд шуда боиси вайрон гаштани муҳити зист гардидааст. Исбот карда шудааст, ки муаммоҳои экологӣ дар вилояти Суғд дар солҳои охир шадид гардида тамоюли афзоиш дорад, ки он бо зиёдшавии иқтидорҳои саноатӣ, миқдори воситаҳои нақлиётӣ дар байни аҳолӣ, бо мақсади дарёфти фоида ғайрисамаранок истифодабарии захираҳои табиӣ, бо техникаю технологияи фарсудаву кухна алоқаманд аст. Мудаллал гардидааст, ки вилояти Суғд дар байни минтақаҳои ҷумҳурӣ аз рӯи пахн намудани моддаҳои зарарнок аз манбаъҳои доимии ихроҷ ба ҳавои атмосфера мавқеи саввумро дорад, сарбории он ба ҳудуди минтақа, инчунин ба ҳар як нафар аҳолии вилоят низ тамоюли афзоиш дорад, ки мақомотҳои маҳаллии давлатии иҷроия бояд таваҷҷуҳи хоса диҳад.

- муайян шудааст, ки тибқи меъёри ба ҳавои атмосфера паҳн намудани моддаҳои зарарноки тозанашуда аз манбаҳои доимии ихроҷ вилояти Суғд дар байни минтақаҳои ҷумҳурӣ мавқеи дуввумро дорад. Сабабҳои асосии вазъи мазкурро бо далелҳои зерин алоқаманд аст: - мавҷудияти зиддият байни субекти иқтисодии минтақа, бахри таъмини рушд; - манфиатҳои субъектҳои хоҷагидорӣ бо таъмини амнияти экологӣ; - нокифоя будани маблағгузорӣ барои ҳифзи муҳити зист; - номувофиқати техника, технологияи мавҷуда дар соҳаи саноат ва талаботу стандартҳои экологӣ; - тафаккури сусти маърифати экологӣ дар байни аҳолӣ; - сатҳи нокифояи тахассусмандии захираҳои меҳнатӣ дар истеҳсолоти молу хизматрасониҳо;

- исбот карда шудааст, ки дар вилояти Суғд аз рӯи консентратсия бештари моддаҳои ифлоскунандаи ҳаво шаҳрҳои Хуҷанд, Панҷакент,

ноҳияҳои Б.Ғафуров ва Айнӣ пешсафанд, ки бо сатҳи баланди зичии ҷойгиршавии корхонаҳои саноатӣ ва аҳолӣ дар ин ҳудудҳо вобаста аст. Ҳамзамон, мудаллал гардидааст, ки соф (безарар) кардани партовҳои аз манбаҳои доимии ифлоскунандаи ҳавои атмосфера дар шаҳру ноҳияҳои номбаршуда (бо истисноии ш. Панҷакент) сатҳи баландро дошта бошад ҳам, минбаъд дар ҳалли муаммоҳои экологӣ баҳри таъмини рушди устувор ҷалби сармоягузориро самти афзалиятноки сиёсати иқтисодии худ қабул намояд.

- асоснок карда шудааст, ки бакордарории фондҳои асосӣ (муҷаҳҳазгардонии техникаю технологияи инноватсионӣ) дар ҳудуди вилояти Суғд, ҳоло ба мақсади сиёсати танзими муаммоҳои экологӣ ва рушди иқтисодӣ ҷавобгӯ намебошад. Зеро ҳиссаи сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ нисбат ба маҷмӯаи маҳсулоти минтақа дар солҳои охир тамоюли пастшавӣ дорад. Новобаста аз он мудаллал гардидааст, ки аз рӯи критерияи бакордарории фондҳои асосӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар байни минтақаҳои ҷумҳурӣ ш. Душанбе, дар байни шаҳру ноҳияҳои зерини вилояти Суғд бошад, Хуҷанд, Б. Ғафуров, Исфара, Ҷ. Расулов, пешсаф буда, дар сафи ақиб мондаҳо Айнӣ, Деваштич, Зафаробод, Кӯҳистони Мастчоҳ, Шаҳристон мебошад. Исбот гардидааст, ки бояд аз навсозии фондҳои асосӣ бо унсури нави инноватсионӣ дар корхонаҳои истеҳсолии шаҳру ноҳияиҳои вилоят таваҷҷуҳ дода шавад;

- асоснок гардидааст, ки дар сиёсати сармоягузории ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи гӯшаҳои нодири табиат бо назардошти ваъзи экологии вилояти Суғд ташкили мамнунгоҳҳо, паркҳои табиӣ, парваришгоҳҳо ба назар гирифта амалӣ карда шавад, ки ҳоло онҳо дар ҳудуди вилоят мавҷуд нест. Зеро ҳоло манзараҳои нотакрори баландкӯҳҳои ноҳияҳои Шаҳристон, Кӯҳистони Мастчоҳ, Деваштич, Исфара, наботот ва ҳайвонотҳо дар ин манзилҳо дар зери хатари нобудшавӣ қарор дорад.

коркарди амсилаи иқтисодии-математикӣ, баҳри арзёбии миқдории равобит байни муаммоҳои экологӣ (афзоиши партовҳои зарарнок ба ҳавои атмосфера) ва нишондиҳандаҳои иҷтимоиву иқтисодии вилояти Суғд, ки зеро рушди фаъолнокии истеҳсоли сарбории бевосита ба муҳити зист доро мебошад. Дар асоси ҳисобҳо муайян гардидааст, ки байни онҳо равобити зич мавҷуд буда дар шароити муосир афзоиши моддаҳои зараровар ба атмосфера нисбат ба омилҳои якум, шумораи корхонаҳои саноатӣ, дувум сатҳи рушди маҷмуаи маҳсулоти минтақа нисбатан ҳасос аст. Исбот гардидааст, ки дар эҳёи корхонаҳои саноатӣ бештар ташкили онҳо бо технологияҳои инноватсионӣ ба экология нигаронидашуда аҳамият дода шавад.

- асоснок карда шудааст, ки ҷанбаи муҳими танзими вазъи экологии минтақа таъсиррасонии муҳити зист, ташкили механизми салоҳиятдори маблағгузорӣ ва қарздиҳӣ оид ба ҳифзи экологӣ мебошад. Дар шароити буҳрони иқтисодӣ, имкониятҳои маблағгузории буҷет хеле маҳдуданд, ташкили “Фонди маҳаллии экологӣ” мувофиқи мақсад аст, ки бояд ҳамаи сарчашмаҳо, яъне буҷавӣ, ғайрибуҷавӣ, ҷаримаҳо, маблағҳои хайриявӣ, соҳибкорӣ ва ғайраҳо ғанӣ карда шаванд. Фонди мазкур манбаи таъиноти махсус дошта барои эҳтиёҷоти дигар истифода нашавад.

- коркард ва пешниҳоди маҷмуаи тадбирҳо оид ба самаранок идора намудани рушди экологиву иқтисодии минтақа, ки қисматҳои зеринро дарбар мегирад: - дар самти идоракунии партовҳо; дар равияи баланд бардоштани маърифати экологӣ; васеъ намудани инфрасохтори экологӣ; дар соҳаи ба экология нигаронидашудаи фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ; васеъ намудани сарчашмаҳои молиявию иқтисодӣ; паст кардани таъсири ҳолати техногении нақлиёти автомобилӣ ва ғайра, ки ҳар яки он чорабиниҳои махсусро дар бар мегирад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот муайян кардааст. Диссертатсия аз 302 саҳифаи матни асосӣ иборат буда, муқаддима, панҷ боб, хулосаро дарбар мегирад. Рӯйхати адабиёти кор аз 164 номгӯйи сарчашмаҳо иборат аст. Диссертатсия аз 19 ҷадвал, 15 расм ва 5 диаграмма иборат мебошад.

**Дар боби якум** – “Асосҳои илмии таҳқиқи танзими омили экологӣ дар таъмини рушди устувори иқтисодиёти минтақа” таҳавули назарияҳои рушди устувор, мавқеъи низоми экологӣ дар иқтисодиёти минтақа, инчунин асосҳои институтсионалии ташаккули низоми экологии иқтисодиёти минтақа мавриди таҳқиқ қорор дода шудааст.

Муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки ҷузъи иқтисодии консепсияи рушди устувор аз қатъ гардидани афзоиши экспоненсиалии иқтисодӣ, ки бо афзоиши ифлосшавӣ ва таназзули муҳити зист, камшавии захираҳои табиӣ, номутаносибии биосфера, тағирёбии иқлим ва табдили он ба афзоиши сифатӣ алоқаманд аст, иборат аст. Дар асоси ин мундариҷа консепияи рушди устувор аз ҷониби диссертант модели консептуалии рушди устувори системаҳои иҷтимоию иқтисодӣ коркард шудааст, ки ин боиси тасаллият мебошад (С.24).

Дар диссертатсия минтақа ҳамчун системаи иҷтимоию иқтисодӣ омӯхта мешавад ва дар асоси ин хусусиятҳои муҳими он муайян карда шудаанд, ки яке аз натиҷаи назарраси тадқиқот мебошад. (С.27-28).

Диссертант дуруст қайд менамояд, ки ташкили фаъолияти хоҷагидорӣ, ки биосфераро хароб накарда, балки ҳифз мекунад, яъне аз ҷиҳати экологӣ қобили қабул, аз доираи иқтидори экосистемаҳо берун намебарояд, яке аз самтҳои марказии ташаккули ҷомеаи устувор мебошад.(С.30) Имкониятҳои ташкили ин гуна фаъолияти хоҷагидорӣ дар шароити вилояти Суғд аз ҷониби унвонҷӯ муайян карда мешавад.

Дар диссертатсия муаллиф алоқамандии объектҳои таҳқиқотӣ экологиро бо объектҳои таҳқиқоти иқтисодӣ муаяйн намудааст, ки ҷолибияти хоса дорад. (С.35) Дар асоси ин ӯ тавонистааст, ки нақши экологияро дар рушди иқтисодиёт нишон диҳад ва ташаккулёбии модели идоракунии экологии иқтисодиёти минтақаро асоснок намояд. Муаллиф рушди устувори минтақаро ҳамчун раванди динамикии фаъолияти системаи иҷтимоию иқтисодии минтақавӣ, ки дар доираи он баробарии манфиатҳои иҷтимоию экологӣ ҷомеа ба даст оварда мешавад муайян намудааст, ки ин нуқтаи назари илмӣ бебаҳс мебошад. (С.39).

Дар рисола таъкид карда мешавад, ки сабзгардонии иқтисодиёт, ҳамчун як раванди сохторӣ ҳалли масъалаи экологӣ дар доираи якчанд самтҳои алтернативаи мукаммалкунанда (дахолаткунанда) ба шумор меравад. Бо ин асос аз ҷониби диссертант роҳу усулҳои кабудизоркунӣ дар минтақа муайян карда шудааст, ки аҳамияти амалии хеле калон дорад. (С.45-47)

**Дар боби дуюм** – “Равияҳои методолгии танзими омили экологӣ – дар ноил гаштан ба ҳадафҳои рушди устувори минтақа” усулҳои мавҷудаи арзёбии холати экологии минтақа ба низом дароварда шуда, принсипҳои ташаккули фаъолият оид ба ҳифзи табиат ва танзими он дар шароити иқтисодиёти бозор ва таҷрибаи хориҷии ташкили ҳифзи табиат омӯзиш мешавад.

Муаллиф дар асоси ба низом даровардани усулҳои арзёбии вазъи экологии минтақа, мдели арзёбии сиёсати экологиро коркард намудааст, ки ин натиҷаи хеле хуб мебошад. (С.68) Тавре, ки ӯ қайд менамояд, дар айни замон барои баҳодиҳии сарбории антропогении муҳити зист доираи маҳдуди меъёрҳо танҳо аз ҷиҳати ба ҳисоб гирифтани реаксияи идорашавандаи муҳити табии истифода бурда мешавад, ки барои пурра муайян кардани дараҷаи таназзул имкон намедиҳанд.(С.71) Мо бо ин ақидаи муаллиф розӣ мебошем. Барои арзёбии пурра аз ҷониби муалиф истифодаи усули системавии таҳлил пешниҳод карда мешавад ва ин дар рисола дар самти таҳлили вазъи экологии минтақа истифода шудааст ва натиҷаи хуб додааст.

Дар диссертатсия омилҳои ҳолати экологӣ-иқтисодии минтақа муайян карда мешавад. (С.78). Дараҷаи якум омилҳои табиӣ ва пешакӣ муайяншудаи истеҳсолӣ, шароитҳои таърихан муқарраршуда ва макони зистро дарбар мегирад. Сатҳи дуюмро омилҳое ташкил медиҳанд, ки шароити додашуда, муҳити атрофро ошкор мекунанд, инчунин сифат ва самаранокиро тавсиф мекунанд. Дараҷаи сеюмро омилҳое ташкил медоданд, ки динамикаи инкишофи омилҳои пештараро муайян мекунанд. Инчунин дар ин қисмати диссертатсия нишондиҳандаҳое, ки вазъи амниятро дар соҳаҳои асосии ҳаёт тавсиф мекунанд, ба низом даровarda шудааст. (С.80) Бо истифодаи ин нишондиҳандаҳо таҳлили минбаъдаи вазъи экологии минтақа гузаронида шудааст.

Механизми кунунии татбиқи стратегияи рушди устувор аз рӯи воситаҳои ҳавасмандгардонии иқтисодӣ ва таҳияи афзалиятҳо дарки зарурати ба назар гирифтани захираҳои меҳнатӣ, истеҳсолӣ, илмию технологӣ, инфрасохторӣ, захираҳои табииро медиҳад. Дар ин самт вазъияти экологӣ ҳамчун муҳити паҳншавии равандҳои иқтисодӣ ва шароити зиндагии аҳолӣ мебошад. (С.85)

**Дар боби сеюм** – “Хусусият, тамоюл ва вазъи омили экологӣ дар рушди иқтисодиёти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон” вазъи муосири экологии минтақа таҳлил карда шуда, механизмҳои ташкили ҳифзи табиат ва истифодабарии захираҳои табиӣ дар минтақа арзёбӣ мегардад.

Дар диссертатсия қайд карда мешавад, ки афзоиши ҳиссаи мутлақ ва нисбии партовҳои истифоданашуда ва коркарднашудаи истеҳсолот ва истеъмолот аз соли 2000 то соли 2020 3 баробар, микдори партовҳои истифодашуда ва безарар кардашуда 1 баробар афзуд. Ҳиссаи партовҳои истифодашуда ва безараршуда аз 56 то 22% кам шудааст. Ҳамасола дар вилоят зиёда аз 0,4 миллион тонна партовҳо ба партовгоҳҳо фиристода мешаванд. Бо баробари ин, камшавии обҳои партови ифлос ба обанборҳои рӯизаминӣ умуман (25 фоиз). Саҳми асосиро дар коҳиши ҳаҷми умумии обҳои ифлос ба шаҳр динамикаи мусбати гузоштааст. (С.111-112)

Дар асоси таҳлили вазъи муосири экологии минтақа диссертант қайд менамояд, ки дар минтақа номутавозунии экологӣ ба вуҷуд омадааст. Субъектҳо аз рӯи микдор меафзоянд, аммо на аз ҷиҳати сифат: афзоиши маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ ҳам дар маҷмӯъ ва чӣ ба ҳар сари аҳолӣ, дар айни замон, вуҷуд дорад. Афзоиши мутаносиб ва ҳатто бартарии истеъмоли мобайнӣ, ба афзоиши ифлосшавии муҳити зист мусоидат менамояд.

Муаллиф дар диссертатсия модели арзёбии самаранокии экологӣ дар асоси технологияҳои беҳтарини мавҷуда коркард намуда, бо истифодаи он таҳлили омилӣ гузаронидааст. (С.117-118). Дар асоси ин ӯ хулоса менамояд,

ки истеҳсолот дар асоси технологияҳои бехтарини мавчуда сифати ҷараёни технологӣ ва дараҷаи техникиро баланд мебардорад, ки ин ба баланд шудани дараҷаи ташкилии мухити истеҳсолӣ мусоидат мекунад ва имкон медихад, ки хосилнокии партовхо ба мухити табий кам карда шавад. Инчунин дар ин қисми диссертатсия аз ҷониби докторант таъсири самаранокии экологӣ ба интихоби алтернативаи стратегии рушди минтақа коркард намудааст.(С.122) Модели мазкур механизми ташкилии татбиқи стратегия баҳри баланд бардоштани самаранокии қарорҳои қабулшуда, интихоби сиёсати сармоягузории корхона, муқаррар сохтани рейтинги лоиҳаҳо ва барномаҳои сармоягузорӣ равона мегардад.

**Дар боби чорум** – "Омили экологӣ дар таҳя ва амалишавии сиёсати рушди иқтисодиёти минтақа" мақоми омили экологӣ дар тадбиқи сиёсати иқтисодии минтақа дида баромада шуда, таъсири он ба самтҳои алоҳидаи сиёсати иқтисодӣ тадқиқ карда мешаванд.

Диссертант қайд менамояд, ки татбиқи консепсияи рушди устувори иқтисодӣ дар сатҳи минтақа бояд бо назардошти хусусиятҳои экологӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ ва дигар хусусиятҳои ҳудудҳо сурат гирад. Иқтисодиёте, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ташаккули иқтисодиёти миллӣ рақобатпазир дорои самти ашёи хоми рушди фазоию ҳудудӣ мебошад, бояд ба экологӣ нигаронидашуда дар асоси баланд бардоштани арзиши иловашуда тавассути беҳбуди фазои сармоягузорӣ, ҷалби нерӯҳои самарабахш табдил дода шавад.(С.147)

Муаллифи диссертатсия дуруст қайд менамояд, ки ташаккули механизми идоракунии рушди экологӣ минтақаҳо дар асоси принсипҳои якпорчагӣ, муттасилӣ, чандирӣ, хусусияти илмӣ, бехатарӣ, мутобиқшавӣ, устуворӣ ва навоварӣ амалӣ карда мешавад. Дар баробари ин объекти чунин фаъолияти иқтисодиёти минтақавӣ ва иқтидори захираҳои табиии минтақа буда, мавзуи маҷмуи вазифаҳои назариявию методологии ташаккули механизми идоракунии рушди экологию иқтисодии минтақа мебошад. (С.154)

Моҳияти хусусиятҳои фаъолияти механизми идоракунии рушди экологию иқтисодии минтақа дар он аст, ки амали субъектҳо дар ҷараёни истифодаи табиат ҳамеша ҳам бо қонунҳои тараққиёти ҷамъият ва ҳам қонунҳои табиат муайян карда мешаванд. Механизмҳои идоракунии рушди экологӣ дар баробари дигар механизмҳои танзими фаъолияти иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоии ҷомеа дар асоси натиҷаҳои берунии онҳо бо истифода аз меъёрҳои дақиқи тадқиқотӣ таҳлил карда мешаванд. Агар вазъи экологию иқтисодӣ дуруст таҳлил карда шавад, ин имкон медиҳад, ки барои

ноил шудан ба мақсадҳои рушди мутавозини экологӣ минтақа механизму воситаҳои таъсирбахш интихоб карда шавад. Ин хулосаҳои доктарант бебаҳс хосияти илман асоснокро доранд.

**Дар боби панҷум** – "Такмили механизми экологии таъмини рушди устувори иқтисодиёти минтақа" такмили ба нақшагирии минтақавии ҳифзи табиат ва танзими сарбории техногенӣ асоснок карда мешавад ва дар асоси пешгӯикунии вазъи экологии минтақа тавсияҳо оид ба такмили танзими омили экологии минтақа барои давраҳои оянда аварда шудаанд.

Дар ин қисмати диссертатсия зарурати танзими экологии иқтисодиёти минтақа асоснок карда мешавад. Муаллиф хусусиятҳои механизми танзими экологии як чанд мамлакатҳоро ошкор намуда, тадбиқи баъзе нуктаҳои муҳими онҳоро бо мутобиқатӣ ба шароити иқтисодиёти вилояти Суғд зарур мешуморад. Тавре, ки ӯ қайд менамояд, кишварҳои дорои саноати рушдкарда бо мушкилоти марбут ба ифлосшавии муҳити зист рӯ ба рӯ шуданд ва ин боиси вайроншавии сатҳу сифати отрофу миҳит дар ҷаҳон мегардад. Муаллиф ақида дорад, ки барои пешгирии ин тамоюл васеъ кардани заминаи меъёрию ҳуқуқӣ, инчунин афзоиш додани хароҷоти ҳифзи табиат зарур мебошад. (С. 206-210) Дар ин замина ташаккул ва рушди соҳибкории экологӣ дар иқтисодиёти минтақа асоснок карда мешавад. Инчунин дар ин қисми рисола як чанд тавсияҳо оид ба ташаккулдиҳии механизми танзими экологии иқтисодиёти минтақа дода мешавад. Мувофиқи онҳо бояд, ки дар механизми умумии идоракунии иқтисодиёти минтақа танзими экологӣ мавқеъи асосиро бояд ишғол намояд, зеро аз ин омил ояндаи ҷомеъ вобаста мебошад.

Дар хулоса натиҷаҳои асосии таҳқиқоти баргузоршуда ҷамъбаст гардидаанд.

**3. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** дар он ифода меёбад, ки натиҷаю хулосаҳои дар намуди муқаррароти мушаххаси илман асосноки муаллиф дар мақомоти минтақавии ҳокимияти иҷроия ҳангоми коркарди пешниҳодҳо оид ба таҷдиди сиёсати давлатии минтақавии экологиву иқтисодӣ истифода бурда метавонанд.

**4. Мутобиқат ба соҳаи таҳқиқот.** Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои Шиносномаи номгӯи ихтисоси КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ: 3.1. Инкишофи назарияҳои иқтисодиёти маконӣ ва минтақавӣ; усулҳо ва фишангҳои таҳқиқотҳои иқтисодии маконӣ; эконометрикаи қаламравӣ; ташхиси низомии мушкилотҳо ва ҳолатҳои минтақавӣ; 3.5. Дигаргуниҳои

қаламравӣ-минтақавӣ; муаммоҳои таъсисёбии муҳити ягонаи иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; фарқгузории минтақавии иҷтимоӣ-иқтисодӣ; ҳамгироии маконӣ ва дезинтегратсияи мамлакат; 3.17. Муҳити махсуси иқтисодӣ-ҳуқуқии тараққиёти маҳаллӣ ва минтақавӣ; 3.18. Ташкил ва баҳодиҳии самаранокии фаъолияти мақомоти ҳокимияти идоракунӣ дар вилоятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ноҳияҳои маъмурӣ; истифодаи чунин баҳодиҳӣ дар низоми идоракунӣ ва назорати давлатӣ мутобиқат мекунад.

**5. Арзёбии моҳияти диссертатсия, сатҳи комилии он, эродҳо доир ба диссертатсия.**

1. Дар қисмати оғозии кор бояд вобавстагии мавзӯъ бо барномаҳои давлатӣ ассонок карда мешуд.

2. Сатҳи коркарди мавзӯъ сатҳӣ мебошад, бояд тақвият медод. мавқеи муаллиф муайян нест.

3. Навгониҳои илмӣ дар автореферати диссертатсия бо таври бояду шояд кушода дода нашудаанд. Ба ғайр аз ин элементҳои 6 ва 7 навгонии илмӣ мукаммалиро талаб мекунанд, зеро онҳо дар барномаҳои давлатӣ тӯли чанд солҳо қайд карда мешавад.

4. Дар диссертатсия пажуҳиши амиқи методологияи рушди низоми экологии минтақа мушоҳида намешавад. Муайян нест, ки муаллиф дар тадқиқоти ба методологияи кадом мактаби иқтисодӣ такия намудааст.

5. Аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои тадқиқот маълум нашудааст. Бояд, ки муаллиф ин ҷанбаҳои тадқиқоти худро бо таври амиқ дар қисмати муқаддимавии диссертатсия нишон диҳад.

6. Муаллиф хусусиятҳои хоси рушди фаъолияти соҳибкориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор додааст, аммо натиҷҷаи онро дар сатҳи бояду шояд дар диссертатсия кушода дода надодааст;

7. Хуб мешуд, агар дар ҷадвалҳо марҳилаи ягона риоя карда мешуд.

Аммо, дархостҳо ва эродҳои дар ин ҷо баррасишуда, на он қадар ҷиддӣ буда, ба мазмун ва муҳтавои кори илмии мазкур таъсири манфии худро намерасонад.

**6. Тасдиқи ифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ.** Дар асоси таҳқиқ ва натиҷаҳои илмиву амалии кори диссертатсионӣ, муаллиф дар маҷмӯъ7 китоб ва монография, 41 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 18 адад, мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда ба нашр расонидааст.

**7. Мутобиқати мазмуни автореферат бо диссертатсия.**

Автореферат мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсияро ифода намуда, дар он натиҷаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшуда шарҳи пурраи худро ёфта, асоснок карда шудаанд.

Умуман, диссертатсия дар мавзӯи «Такмили танзими омили экологӣ дар таъмини рушди устувори иқтисодиёти минтақа: назария ва амалия», ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 8 низомномаи “Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ” мутобиқ буда, муаллифи он Маҳмадалӣ Бахтиёр Набӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

Тақризро омода намудааст: сарходими илмии шуъбаи таҳқиқоти рушд ва ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда, доктори илмҳои иқтисодӣ Хоналиев Н.

Хулоса дар ҷаласаи шуъбаҳои таҳқиқоти инфрасохторӣ ва таҳқиқоти рушд ва ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунандаи Институт муҳокима ва тасдиқ карда шудааст, протокол №9 аз “30” декабри соли 2022.

Раиси ҷаласа,
мудири шуъбаи таҳқиқоти
инфрасохтории ИИД АМИТ,
д.и.и., профессор Рауфӣ А.

Ташхисгар,
сарходими илмии шуъбаи таҳқиқоти
рушд ва ҷойгиркунии қувваҳои
истеҳсолкунандаи ИИД АМИТ, д.и.и. Хоналиев Н.

Котиби ҷаласа,
ходими пешбари илмии
шуъбаи таҳқиқоти инфрасохтории
ИИД АМИТ, н.и.и. Шералиев А.А.

Имзои Рауфӣ А., Хоналиев Н. ва Шералиев А.А.-ро тасдиқ менамоям.

Инспектори калон оид
ба кадрҳои ИИД АМИТ Қурбонов Э.Т.

ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ

**Суроғаи Институт:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Айнӣ 44, тел./факс: +992(37)221 67 50; www.ied.ti E-mail: info@ied.tj